# Суратмаҷлиси № 32
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6Д.КОА-012
## назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

11 октябри соли 2025 ш. Душанбе

Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 июни соли 2024, № 173/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро, дар ҷаласа 16 нафар аъзо иштирок доштанд, 15 нафар доктори илм ва 1 нафар номзади илм, аз он ҷумла 5 нафар мутахассис аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда.

**Шунида шуд:** Ҳимояи диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул барои дарёфти дараҷаи номзади илми иқтисод, аз руйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат.

**Мавзӯи диссертатсия:** «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)».

Диссертатсия дар кафедраи назарияи иқтисод ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабов Раҷаб Кӯчакович, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович,** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқотҳои муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**2. Ҷурахонзода Саодат Ҷурахон,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ” -и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба автореферати диссертатсия 5 тақриз ворид гардид. Ҳамаи тақризҳо мусбатанд.

Ба довталаб 14 савол дода шуд. Саволҳо аз ҷониби аъзои зерини шуро пешниҳод гардид: Дӯстбоев Ш., Фаҷеров Ҳ.Н., Зубайдов С., Нидоев Н.Ф., Аминов И., ва Толибзода Қ.Қ.

**Дар муҳокима иштирок намуданд:** д.и.и., профессор Дустбоев Ш., д.и.и., профессор Комилов С.Ҷ., ва д.и.и., профессор Амонова Д.С.

**Ба ҳайати комиссияи ҳисоб интихоб шуданд:** д.и.и., профессор Нидоев Н.Ф. (раис), д.и.и., профессор Рауфӣ А., ва д.и.и., профессор Амонова Д.С.

*қарор қабул карда шуд:*

1. Диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.12 – иқтисодиёти меҳнат ба талаботи муқарраргаштаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд.
3. Ба Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, қарори шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Ҳусензода Анвар Раҳмонқулро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз намояд.
5. Кӣ тарафдори қарори шурои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед? аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктрони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 15 нафар, муқобил 1 нафар, бюллетени беэътибор 0 нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., и.в. профессор — Қодирова З.Ҳ.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Машокиров Ҷ.Н.